# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи диссертатсионии Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

Ҳадафи стратегии ҳар як давлат ва минтақа рушди босуръати бахшҳои иқтисодиёти он мебошад, ки сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии онро баланд мебардорад.

Дар солҳои истиклолияти кишварамон бо шарофати Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри пешрафти мамлакат ба рушди соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд, зеро он дорои неруи баландӣ иқтисоди буда, ба талаботи моддию маънавии аҳолӣ, қонеъ гардонидани талаботҳои роҷеъ ба беҳбуди некуаҳволии ҷомеъа алоқаманд буда, яке аз самтҳои асосии иқтисодёти давлат ба шумор меравад.

Маҳз ҳамин вазъият аҳаммияти босуръат афзояндаи соҳаи сайёҳӣ ва бахшҳои алоҳидаи онро ҳам дар миқёси миллӣ ва ҳам дар миқёси минтақавӣ пайдо мекунад.

Сайёҳии таърихию фарҳангӣ на танҳо ҳамчун яке аз намудҳои сайёҳӣ, балки ҳамчун стратегияи содиротии рушди соҳаи фарҳангии кишвар ва минтақа дар робитаи зич бо рушди ҳудуди он ҳисоб кардан мумкин аст. Фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба сатҳи рушди ҷомеъаи маҳаллӣ, сатҳи некуаҳволии фарҳангии он ва тарзи зиндагии аҳолии маҳаллӣ зич алоқаманд аст. Рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар баробари мавҷудияти мероси ғании таърихию фарҳангӣ иштироки фаъолонаи аҳолии маҳаллиро дар ҳаёти фарҳангии минтақа тақозо мекунад ва зарур аст, ки фаъолияти ин намуди сайёҳӣ дар ноҳия ба роҳ монда шавад.

Кори рисолаи диссертатсионии А.М.Симоилбеков ба таҳқиқи асосҳои назариявии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди устувор ва такмили он дар асоси пешниҳоду тавсияҳо равона шудааст.

Барои комёб шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ дар пеши худ масъалаҳои зерин барои ҳаллу фасл гузоштаает:

-омӯзиш ва такмили асосҳои назариявӣ ва методологии мавзеҳои сайёҳӣ барои таъмин намудани заминаи назариявии ташкили амалии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ;

- тавсифоти сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ва баррасӣ намудани нақши онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ;

- муайян намудани марҳилаҳои асосии инкишофи натиҷабахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақа;

- таҳлил ва асоснок намудани мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар ҳудуди ВМКБ;

- ноҳиябандӣ намудани ҳудуди минтақаи Бадахшон вобаста ба мавҷудияти захира ва сарватҳои осори таърихию фарҳангӣ ва мусоидат ба ташкили муташакили фаъолияти соҳа;

- коркард ва тартиб додани модели тараққиёти иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти самараноки идоракунии соҳа ва зиёд намудани иқтидори он баҳри баланд бардоштани даромаднокии соҳа ва ҳалли мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таъмини заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; омори расмӣ, ки раванди фаъолияти сайёҳиро дар минтақаи ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мекунанд; истифодаи устувори захираҳои табиат, усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти аввалия; иштироки бевоситаи номзад ба унвони илмӣ дар як қатор таҳқиқоти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ; санҷиши бомуваффақияти хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола бадастомада.

Бояд қайд кард, ки рисолаи аз ҷониби унвонҷӯ баррасишуда, бешубҳа, дар сатҳи кофии баланди илмӣ ва методӣ анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–058 аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, тахти № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, ман боварӣ дорам, ки диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи "Имконниятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ", ки барои гирифтани унвони номзади илмҳои география рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниход карда шудааст, кори мустақили анҷомёфтаи тадқиқотӣ буда навоварии илмӣ, арзиши бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисосӣ 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мебошад.

сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти
муқоисавии иқтисодии Институти
иқтисодиёт ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и. Ҷонмамадов Ш.Б.
Суроға : Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш.Душанбе,кучаи Айни 44
Телефон: +(992)934 43 04 05
E-mail: shermamad@bk.ru

Имзои д.и.и., Ҷонмамадов Ш.Б.
- ро тасдиқ мекунам.Сардори ШК
институти иқтисод ва демографияи
АМИТ Курбонов Э

4.05.2023

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ